**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С.**
_______________
«_5_» _06_ с. 2024.

**Тақризи**

**муассисаи пешбар ба таҳқиқоти диссертатсионии Сатторов Нурали Саидалиевич дар мавзуи "Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Сатторов Нурали Саидалиевич дар мавзуи "Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ)" ба шиносномаи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ комилан мутобиқат менамояд.

Муқаррар шудааст, ки нуфузи унсурҳои луғавии забони арабӣ дар забони тоҷикии мо ҳанӯз аз давраҳои қадим вуҷуд дошт ва ин ҳолатро муҳаққиқон ба чанд омил нисбат медиҳанд. Омили аз ҳама асосӣ истилои арабҳо ва дар ин робита фишори бемайлони фарҳангу забони арабӣ буд, ки таъсири худро дар захираи луғавии забони тоҷикӣ ба таври бесобиқа гузошт. Ҳамин аст, ки бо вуҷуди истиқлолияти сиёсиву фарҳангӣ ва забонӣ дар давраҳои гуногун мо натавонистем нуфузи ин калимаҳои иқтибосиро аз забонамон батамом канда кунем. Аз ин ҷост, ки имрӯз низ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ даҳҳо ҳазор иқтибосоти арабиро дучор шудан мумкин аст ва онҳо дар асарҳои бадеӣ низ истифодаи фаровон доранд.

Устод Айнӣ, ки дар самти истифодаи калимаҳои аслӣ нисбат ба дигар адибони замонаш пешдаст буд, дар осори насрии худ низ аз вожаҳои арабӣ истифода намудааст. Хосатан, дар «Ёддоштҳо»-и устод нақши чунин унсурҳо барҷало буда, тавассути онҳо калимаҳои зиёди сохтаву мураккаб мавриди истеъмол қарор гирифтаанд. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқи захираи луғавии асари мазкур, ки бо воҳидҳои луғавии забони арабӣ сохта шудаанд, иқдоми муҳим ва саривақтӣ маҳсуб меёбад. Дар робита ба ин нуктаи муҳим, таҳқиқоти диссертатсионии Сатторов Нурали Саидалиевич дар мавзуи "Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ)"

мубрам арзёбӣ мегардад ва дар шинохти арзиши луғавию калимасозии асари болозикр таҳқиқоти аввалин мебошад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Саҳми шахсии довталаб дар ҷараёни таҳқиқ ба таври равшан намоён аст. Ҳаҷм ва сохтори умумии диссертатсия, мубрамияти интихоби мавзуъ ва зарурати гузаронидани таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он дар илми забоншиносӣ, ҳадаф ва вазифаҳои асосии масоили таҳқиқшаванда, масъалаҳо ва соҳаи таҳқиқ, навгониҳои таҳқиқ ва аҳаммияти назариявию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаву натиҷагириҳои муаллиф мавқеи илмии ӯро нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ инъикос менамояд. Саҳми бевоситаи шахсии муаллифи диссертатсия, ҳамчунин, дар омӯзиши назарияҳои олимони муосири ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳс, таҳлил ва муқоисаи онҳо, омода намудани мақолаву маърузаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Муаллифи диссертатсия дар таҳияи равиши илмии масъалаҳои дар рисола матраҳшуда аз усулҳои таҳлилу таҷзия, таҳлили луғавию маъноӣ, сохторӣ, оморӣ ва муқоисавию таърихӣ истифода намудааст.

Диссертант таъкидан зикр менамояд, ки таҳқиқи захираи луғавии асари мазкур метавонад дар шинохти вазъи ҳамонзамонии забони тоҷикӣ ва такмили минбаъдаи он нақши созгор дошта бошад. Дар пояи ин зикр мегардад, ки мавқеи воҳидҳои луғавии забони арабӣ дар низоми калимасозии забони тоҷикии ҳамон давр қобили таваҷҷуҳ ва омӯзиш мебошад. Ба назари инҷониб, чунин бархурди илмӣ нисбат ба ҳалли масъалаи мавриди таҳқиқ саривақтӣ ва дуруст буда, натиҷаҳои даркорӣ аллакай рӯйи кор омадаанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда имкон дорад.** Диссертатсияи мавриди таҳлил мувофиқи талаботи корҳои илмӣ дар доираи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия омода шудааст. Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия чун анъана ба масъалаҳои мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, обйект, предмет ва сарчашмаҳои таҳқиқ, асосҳои назарии он, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқи мавзуи интихобшуда ва дигар масоили алоқаманд таваҷҷуҳ шудааст. Қайд мегардад, ки яке аз ҳадафҳои асосии кори диссертатсионӣ нишон додани роҳҳои маъмули калимасозии забони тоҷикӣ ба василаи воҳидҳои луғавии забони арабӣ дар заминаи

«Ёддоштҳо» мебошад.

Дар **боби аввали** диссертатсия бо номи «Нақши воҳидҳои луғавии забони арабӣ дар сохтани ҳиссаҳои номии нутқ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» таҳқиқи морфологии калимасозӣ бо асосҳои арабӣ ва дар фаслҳои алоҳидаи он баррасии нақши калимасозии пасвандҳои -гор, -гар, -чӣ, -гӣ, -зор, - истон, -вар, -она ва ғайра ба роҳ монда шудааст. Муаллифи диссертатсия дар заминаи маводи фаровони таҳлилӣ ба он даст ёфтааст, ки нақши ҳар кадоме аз ин пасвандҳоро дар калимасозии навъи сохтаи забони тоҷикӣ нишон дода, бар замми ин доираи маҳдуд ё васеи калимасозиро тавассути ҳар яке аз онҳо зикр менамояд. Маълум мегардад, ки устод Садриддин Айнӣ дар корбурди ҳар яке аз ин унсурҳои калимасоз дар ҳамбастагӣ бо калимаҳои мустақилмаънои арабӣ маҳорати баланд зоҳир намуда, калимаҳои қобили таваҷҷуҳ сохтааст. Аз қабили **тамошогар, харобазор, мазористон, донишвар** ва монанди инҳо, ки имрӯз низ дар забонамон роиҷанд. Маҳз бо ҳамин сабаб устод Айниро имрӯз муҳаққиқони соҳа ба сифати адибе, ки аз нозукиҳои забони адабӣ хуб бохабар буданд, мешиносонд ва осори ӯро намунаи беҳтарини насри муосири тоҷик медонанд. Бесабаб набуд, ки устод дар ибтидои солҳои бистуми асри гузашта аз нависандагони ҷавон даъват мекарданд, ки ҳамеша ба забони зинда рӯ оранд ва дар созмони калимаҳо аз анъанаҳои суфташудаи гузашта истифода баранд.

Фасли сеюми боби аввал «Нақши калимаҳои арабӣ дар такмили роҳи синтаксисӣ-морфологии калимасозӣ» ном дошта, дар он муаллиф ба масъалаи мавқеи калимаҳои арабӣ дар калимасозии исмҳои мураккаби пайваст ва тобеъ таваҷҷуҳ намудааст. Таъкид мегардад, ки дар ин самт низ вожаҳои арабӣ фаъол буда, доираи васеи ҳамнишиниро бо калимаҳои аслӣ доранд. Махсусан, нақши онҳо дар созмони калимаҳои мураккаби тобеъ устувор буда, бо ин роҳ садҳо калимаҳои мураккаб ба вуҷуд омадаанд. Ба монанди **фазилатшиор, фатвоталаб, одамхор, нафратангез** ва ғайра.

**Боби дуюми** диссертатсия «Нақши калимаҳои арабӣ дар сохтани феълҳо ва мақоми он дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» унвон дорад. Муаллиф дар фаслҳои алоҳидаи ин боб доир ба нақши калимаҳои арабӣ дар ташаккули феълҳои сохтаи номӣ, баррасии масоили назариявии феълҳои таркибӣ ва нақши иқтибосоти арабӣ дар ташаккули феълҳои таркибии номӣ сухан ронда, зикр менамояд, ки калимаҳои арабӣ вобаста ба ифодаи мафҳумҳои зарурии ҳаётӣ дар созмони феълҳо низ нақш доранд. Маълум аст, ки дар забони тоҷикӣ феълҳои решагӣ наздики 300 ададро ташкил дода, ҳамаи онҳо мансуби калимаҳои аслианд. Вале муқаррар мегардад, ки иқтибосоти арабӣ дар ташаккули феълҳои таркибӣ мавқеи меҳварӣ доранд ва ба воситаи онҳо таркибҳои феълии зиёде дар забонамон имрӯз дар

истифодаанд. Феълҳое, ки бо иштироки калимаҳои иқтибосии арабӣ сурат мегиранд, аз ҷиҳати сохт ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: феълҳои сохта ё номӣ ва феълҳои таркибӣ.

Муаллиф дар мавриди феълҳои сохтаи номӣ қайд менамояд, ки ин навъи сохтории феълҳо дар забони тоҷикӣ нисбат ба феълҳои таркибӣ камтар мушоҳида мешаванд ва дар созмони онҳо бештар пасванди -ид фаъол аст. Аз қабили **фаҳмид, даркид, сабзид, талабид** ва монанди инҳо.

Маълум аст, ки феълҳои таркибӣ дар низоми сохтории феъли забони тоҷикӣ аз ҳама гурӯҳи калонро ташкил медиҳанд ва дар шаклгирии онҳо низ мавқеи унсурҳои луғавии забони арабӣ назаррас аст. Бо ин калимаҳо имрӯз дар забони адабӣ микдори зиёди феълҳои таркибӣ дар истифодаанд, ки ҳар яке аз онҳо дар ифодаи амал ва тобишҳои дигари маънoии амал саҳмгузоранд. Муаллифи диссертатсия дар асоси маводи зиёд ба хулосае меояд, ки калимаҳои арабӣ дар сохтори феълҳои таркибии номӣ нақши бештар доранд ва ҷузъи номии онҳоро ташкил медиҳанд. Ёдовар мешавад, ки устод Айнӣ аз ин феълҳо дар асари мавриди таҳлил зиёд истифода намудааст ва ҳатто миқдори мушаххаси баъзе аз ин феълҳо нишон дода мешавад. Феълҳои таркибии номӣ бештар тавассути феълҳои ёридиҳандаи **кардан, намудан, шудан, ёфтан** ва ғайра сурат мегиранд ва дар ин миён феъли ёвари **кардан** серистеъмол аст. Ҷолиби диққат он аст, ки ҷузъҳои номии ин қабил феълҳоро муаллиф ба ҳиссаҳои нутқ дастабандӣ намуда, вазифаи ҳар яке аз онҳоро дар сохтори феълҳои таркибӣ муқаррар намудааст.

Хулосаи диссертатсия бо 11 банди мушаххас натиҷагириҳои илмиро аз таҳқиқоти илмӣ фаро гирифтааст. Қобили таваҷҷуҳ он аст, ки аксарияти бандҳои хулоса бо ифодаҳои рақамӣ ба мақолаи алоҳидаи муаллиф ишора мекунанд, ки ин ҳолат аз тасдиқи назарияҳои илмии муаллифи диссертатсия аз ҷониби муҳаққиқони соҳа дарак медиҳад.

Мувофиқи низомнома дар хотимаи диссертатсия тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар 3 банд оварда шуда, дар ҳолати ба инобат гирифтану мавриди корбурд қарор додани онҳо назарияву амалияи бахши луғатшиносӣ, маъношиносӣ ва сарфу калимасозии илми забоншиносии тоҷик метавонад боз ҳам такмил ёбад. Дар феҳристи адабиёт зикри теъдоди муайяни сарчашмаҳои илмиву фарҳангномаҳо, мақолаву васоити таълимӣ, билхосса, таҳқиқоти судманд роҷеъ ба мавзуи интихобшуда оварда шуда, ин ҳолат бевосита аз дониши васеъ ва огоҳии комили муаллиф дар таҳқиқи кори диссертатсионӣ дарак медиҳад. Маълум мегардад, ки истифодаи теъдоди зиёди пажуҳишҳои илмии марбут, маводи фаровони таҳлилӣ ва назари мустақилонаи муҳаққиқ роҷеъ ба андешаҳои бархе аз мутахассисони соҳа дар дохили диссертатсия мустақилияти

андешаи ӯро дар раванди таълифи рисола таъмин намудааст, ки ин ҳолат яке аз ҷанбаҳои муҳимми таҳияи рисолаҳои илмии замони муосир мебошад.

Маълум аст, ки аз нигоҳи илмӣ баҳои воқеӣ дода тавонистан ба ҳаллу фасли масъалаи матраҳшаванда аз муҳаққиқ дар баробари дониши фаровон идроки баланди забониро тақозо мекунад. Аз мутолиаи диссертатсия ба таври равшан ошкор шуд, ки муаллифи он аз уҳдаи иҷрои ин вазифаи басо муҳим ба таври қонеъкунанда баромадааст. Тарзи гузориши масъалаҳо ва таҳлилу баррасиҳои муаллиф аз он шаҳодат медиҳанд, ки ӯ дорои заковату завқи махсуси забоншиносӣ ва хосатан, калимашиносиву маъношиносӣ мебошад. Аз ин ҷиҳат, диссертатсияи Сатторов Нурали Саидалиевич дар мавзуи “Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ)”-ро метавон яке аз пажуҳишҳои муҳим ва тоза дар бахши калимасозиву луғатшиносии забони тоҷикӣ унвон намуд, ки бо равиши хос, сабки сода, корбурди маводи фаровон, матолиб ва сарчашмаҳои муҳимми илмӣ рӯйи кор омадааст.

Аз номгӯйи адабиёти диссертатсия бармеояд, ки муҳаққиқ давоми солҳои зиёд ба ин масъала сарукор гирифтааст ва нашри мақолаҳои зиёди ӯ (4 мақолаи тақризшаванда ва 10 мақола дар маҷаллаҳои дигари илмӣ) роҷеъ ба масоили мухталифи калимасозӣ ба воситаи унсурҳои арабӣ дар маҷаллаву маҷмуаҳои илмӣ ба эътирофи вай ҳамчун муҳаққиқи ҷӯё далолат мекунанд. Дар баробари ин, иштироки муаллифи диссертатсия дар конференсияҳои илмии сатҳҳои гуногун низ ба мустақилияти назари илмии вай роҷеъ ба мавзуи мавриди таҳқиқ ишора мекунанд.

Хулоса, дар диссертатсияи Сатторов Нурали Саидалиевич дастовардҳои илмӣ чашмрас буда, ҳусну қубҳи забонии асари мавриди таҳлил аз ҷиҳати калимасозӣ муайян карда шудааст. Бо вуҷуди чунин афзалиятҳо ҳангоми мутолиаи диссертатсия ва автореферати он баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва камбудҳои ҷузъӣ ба чашм хӯрданд, ки ислоҳи онҳо, бешак, асолати илмии рисолаву фишурдаи онро боз ҳам баланд хоҳад бардошт. Ба монанди:

1. Беҳтар мебуд, агар дар номи рисола вожаи «лексикии» ба калимаи «луғавии» иваз карда шуда, номи он дар шакли «Нақши воҳидҳои луғавии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ)» тағйир дода мешуд.
2. Дар рисола тарзи овардан ва ҷудо намудани калимаҳои мавриди таҳлил яксон нест. Баъзан онҳо бо ҳарфи сиёҳи ғафс (жирный) ва баъзан бо ҳарфи сиёҳи муқаррарӣ оварда шудаанд. Хуб мебуд, агар ҳама шоҳидҳо бо ҳуруфи сиёҳи ғафс ҷудо карда мешуданд.

3. Баъзан дар рисола муаллиф барои тасдиқи андешаи худ танҳо як мисол меорад, ки чунин муносибат мувофиқи талабот нест, зеро як мисол, ба андешаи мо, тасдиқи илмӣ шуда наметавонад. Ин ҳолатро дар саҳ. 49, 71, 147, 150 ва 151-и рисола мушоҳида намудан мумкин аст.
4. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия иқтибосҳо аз забоншинослони рус дар шакли русӣ оварда шудаанд. Рисола, ки дар шурои миллӣ ба ҳимоя пешниҳод шудааст, беҳтар мебуд, агар чунин иқтибосҳо бо забони тоҷикӣ баргардон мешуданд (с. 80, 115).
5. Овадани мисолҳо дар қолабҳои гуногуни калимаҳои мураккабу сохта дар рисола таҳрир мехоҳад. Масалан, дар саҳ. 82, 83 ва 84 бо унсури **талаб** калимаҳои мураккаби **фатвоталаб, фарзандталаб, воқеаталаб** ва **тамошоталаб** дар қолабҳои исму исм ва исму феъл таҳлил шудаанд. Дар ин маврид калимаи **талаб** на исм, балки феъли фармоиш аст.
6. Баъзан дар рисола мисолҳо пайиҳам ва бе таҳлили илмӣ зиёд оварда шудаанд (с.116-118, 137-140, 141-143).
7. Ба назари мо, қисмати «Тавсияҳо оид ба истифода амалии натиҷаҳои таҳқиқ» дар рисола хеле мухтасар буда, ба такмил ниёз дорад.
8. Рисола ва автореферати он (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) аз ғалатҳои имлоиву китобат орӣ нестанд.

Бояд зикр намуд, ки камбудиҳои болозикр арзиши илмии диссертатсияро кам карда наметавонанд. Мавзуъ дар доираи талаботи илмӣ ҳаллу фасл гардида, бандубасти диссертатсия низ ҷавобгӯи меъёр ҳаст. Бо назардошти чунин дастовардҳо, диссертатсияи Сатторов Нурали Саидалиевич дар мавзуи "Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ)" таҳқиқи диссертатсионии анҷомёфта мебошад.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф, ки 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд, мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Рисола бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариву амалии худ ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ мувофиқ буда. муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор аст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертасияи Сатторов Нурали Саидалиевич дар мавзуи "Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ)" ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷахои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 31-уми майи соли 2024, суратҷаласаи 11 муҳокима ва тасдиқ гардид. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд – 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 14, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи забони
адабии муосири тоҷикии
Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, дотсент — Дӯстзода Ҳамрохон Ҷумъа

**Эксперт:**
номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи забони
адабии муосири тоҷикии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Аловиддинов Бурҳониддин Давронович

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ,
ассистенти кафедраи забони
адабии муосири тоҷикии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Холова Моҳира Бӯриевна

Имзоҳои н.и.ф., Дӯстзода Ҳ.Ҷ., н.и.ф., Аловиддинов Б.Д. ва н.и.ф. Холова М.Б.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ — Тавқиев Эмомалӣ Шодихонович

05.06.2024

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: 221-77-11, 904.41-84-80.
E-mail: dustov.hamrokhon@mail.ru
Сомонаи расмӣ:www.tnu.tj